Аннотация: *В статье изложены результаты многолетних исследований по применению глубокого мелиоративного рыхления почв и влияние её на водно-физические свойства почвы в начале и конце вегетационного периода, а также структура потерь воды на испарение, инфильтрацию и поверхностный сброс при поливах по бороздам. По результатам исследования было выявлено, что при применение глубокого мелиоративного рыхления почв объёмная масса почвы уменьшилась на 15-20%, концевой сброс снижается в 1,5-2,0 раза, а потери на испарение в 2,5-4 раза в зависимости от уклона поверхности.*

Ключевые слова: *глубокое мелиоративное рыхление, бороздковый полив, водно-физические свойства почвы, объёмная масса, пористость, потери воды, испарение, инфильтрация, поверхностный сброс.*

Орошаемое земледелие является одним из основных секторов экономики Республики Таджикистан, обеспечивающее продовольственную безопасность и занятость сельского населения. Общая площадь потенциально пригодных для орошения земель в Республике Таджикистан оценена в 1570 тыс.га, из которых по данным земельного фонда Государственного комитета по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан на 1 января 2022 г. орошаемые земли составляют 763,468 тыс. га [2], из них 289,1 тыс. га орошаются с помощью насосных станций.

Следует отметить, что магистральные каналы, коллекторно-дренажная сеть, насосные станции и другие гидротехнические сооружения в связи с многолетним использованием сильно изношены и нуждаются в капитальном ремонте и восстановлении. Для полной замены агрегатов, электродвигателей и обеспечения орошаемых земель оросительной водой необходима 6,2 млрд. сомони [3].

В результате длительной эксплуатации оросительных систем происходят просадки почв, их уплотнения, оплывание и деформации откосов канала, подъём уровня грунтовых вод и засоление земель, водная и ветровая эрозия и т.д. В результате наблюдается снижение плодородия почв, повышенный расход оросительной воды, возникает необходимость проведения регулярных ремонтно-эксплуатационных работ. Ежегодно в Республике Таджикистан более 40 тысяч гектаров земель остаются в неудовлетворительном мелиоративном состоянии [7].

Для повышения эффективности мелиорируемых земель необходимо проводить комплексную реконструкцию оросительных систем, в результате чего повышается уровень орошаемого земледелия и улучшается мелиоративная обстановка.

В состав работ по комплексной реконструкции оросительных систем, наряду, с совершенствованием оросительной сети, коллекторно-дренажной сети, сети дорог, входит улучшение почвенного профиля.

Чаще всего это планировка поверхности земли и промывка засолённых почв. Однако, эти работы не охватывают ликвидацию уплотнения почвенного профиля, которое произошло под действием антропогенного воздействия (орошение, механическое давление от тяжёлых тракторов, сельскохозяйственных машин и т.д.).

Образовавшиеся мощные подпочвенные уплотнения, плужная подошва, нарушают водно-воздушный режим, образуется сквозная капиллярность, происходит подтягивание солей в результате испарения влаги с поверхности земли. Засоление почв происходит даже при наличии хорошо действующей коллекторно-дренажной сети.

В связи с этим возникает необходимость восстановления (мелиорации) почвенного профиля, структура которого нарушена в результате эксплуатации земли, являющейся, по определению А.Н. Костякова, составной частью оросительной системы. Он говорил, что рыхление почвы должно войти в круг обязательных приёмов орошаемого хозяйства.

Глубокое мелиоративное рыхление почв – эффективный способ мелиорации засолённых уплотнённых почв, направленный на улучшение структуры почвенного профиля и повышение плодородия сельскохозяйственных земель. Оно существенно изменяет водно-воздушный, химический и пищевой режимы почвы, позволяет аккумулировать поверхностный сток, требует квалифицированного выполнения согласно разработанной технологии.

С помощью мелиоративного рыхления можно ликвидировать различного рода уплотнения: геологические, генетические, антропогенные, разрушать иллювиальные, гипсоносные, карбонатные горизонты и плужную подошву. Глубина мелиоративного рыхления составляет от 0,4 до 1,2 м, оно может быть сплошным, полосовым и дифференцированным.

Под действием механического разрушения уплотнений при глубоком объёмном рыхлении почва распадается на отдельные комья, которые пронизываются сетью трещин и в которые свободно проникает корневая система растений, формируется новая структура почвенного профиля. Создаются условия для улучшения водно-воздушного, солевого, теплового режимов почвы, определяющие условия развития растений. Плотность сложения почвенного профиля уменьшается на 15-25%, одновременно увеличивается воздухоёмкость и влагоёмкость почвы, что увеличивает её аккумулирующую способность.

Глубокое объёмное мелиоративное рыхление почв выполняется без оборота пласта и образования вертикальных щелей, включается в перечень работ по комплексной реконструкции оросительных систем. Периодичность выполнения через 3-4 года.

Глубокое объёмное рыхление является эффективным средством борьбы с сорной растительностью, позволяет уменьшить затраты ручного труда на прополку. Его можно применять на почвах, имеющих каменистые включения размером 0,4-0,8 м в зависимости от типа объёмного рыхления (лёгкий, средний, тяжёлый).

Многочисленные исследования, проведенные в нашей стране и за рубежом, показали, что глубокое рыхление является эффективным и надежным приемом обработки почвы и позволяет значительно поднять урожайность сельскохозяйственных культур.

Для восстановления деградированных уплотненных почв и увеличения эффективности использования атмосферных осадков осенне-зимнего периода до 30 % и снижения затрат оросительной воды на эту же величину Максименко В. П. (2011) рекомендует это осуществлять путем комплексной мелиорации, включающей глубокое рыхление без оборота пласта на

глубину не менее 0,5 м с внутрипочвенным внесением животноводческих стоков или других органосодержащих материалов нормой 70-90 м3/га и возделывание бобовой культуры мелиоранта (люцерны) в течение трех лет без вывода земель из оборота [4].

В результате проведенных исследований Михайлиным А.А. (2003) в Ростовской области по глубокому рыхлению почвы до 60 см было установлено значительное уменьшение плотности почвы с 1,5-1,6 до 1,1-1,2 г/см3 и повышение скважности на 30 % в подпахотном слое. Запасы влаги в метровом слое почвы увеличивался до 50%. Фактическая урожайность озимой пшеницы при глубоком рыхлении (до 60 см) составила 50,1 ц/га, а на вспашке (на 20-25 см) 39,8 ц/га. Прибавка урожая на глубоком рыхлении почвы (до 0,6 м), по сравнению со вспашкой (на 20-25 см) достигла 10,1 ц/га или 26 % [5].

С целью изучения элементов техники полива и смыва почвы в зависимости от уклона и поливной струи на фоне традиционной технологии и применения дифференцированной глубины рыхления Пулатовым Ш.Я. проводились специальные полевые опыты. Таким образом, технология дифференцированного глубокого рыхления почвы способствовало снижению ирригационной эрозии, сокращению объема сбрасываемой воды от 2,1 до 3,4 раза относительно традиционной технологии [8].

Применение объёмного рыхления с внутрипочвенным внесением жидкого навоза в качестве мелиоранта и ценного органического удобрения для условий серозёмных почв изменяет их температурный режим: снижает дневную температур по всему разрыхлённому профилю в среднем на 1,2-1,3 0С (от 3,5 0С на глубине 0,05 м до 0,2 0С на глубине 0,4-0,6 м), уменьшает амплитуду колебаний температуры, особенно в верхних слоях (30-40%). Разрыхлённая таким способом почва прогревается более равномерно по всей глубине. Под воздействием глубокого объёмного рыхления наблюдается уменьшение плотности слоев по всему почвенному профилю (на 20-24%), достигая оптимальных для растений значений [6].

На разрыхлённых почвах сокращается время поливов по бороздам, увеличиваются межполивные периоды, подавляются восходящие токи влаги в почве, уменьшаются концевые сбросы оросительной воды, ирригационная эрозия. Глубокое объёмное рыхление необходимо сочетать с применяемой техникой полива, агротехникой, местными почвенно-климатическими условиями.

С целью разрушения уплотненных слоев почвы и предотвращения непроизводительных потер воды при бороздковом поливе, нами были проведены специальные полевые опыты на среднесуглинистых почвах Центральной части Таджикистана в соответствии с методикой Б.А. Доспехова [1].

В условиях Центрального Таджикистана проведено рыхление почв на глубину 0,6 м для улучшения водно-физических свойств почв, разрушая образовавшиеся в процессе эксплуатации различных уплотнений. Результаты анализов представлены в таблице 1.

Из таблицы 1 видно, что в результате глубокого рыхления объёмная масса почвы уменьшилась на 15-20% (с 1,47-1,51 до 1,30-1,39 т/м3) и приблизилась к оптимальной. Также увеличилась пористость в подпахотном горизонте (с 40-42 до 45-49%).

Таблица 1.

Изменение водно-физических свойств серозёмной почвы под действием глубокого рыхления в условиях Центрального Таджикистана

Слой	Удельная масса почвы, т/м^3	Объёмная масса почвы, т/м^3	Пористость, %
Контрольный участок			
0-0,2	2,54	1,40	45
0,2-0,4	2,53	1,47	42
0,4-0,6	2,54	1,51	40
Разрыхлённый участок			
0-0,2	2,53	1,24	51
0,2-0,4	2,54	1,30	49
0,4-0,6	2,55	1,39	45

Механическое разрыхление почвенного профиля вместе с уменьшением плотности обеспечивает повышение её пористости и воздухопроницаемости (таблица 2). В тоже время уже к концу вегетационного периода наблюдается увеличение плотности почвы с 1,22-1,32 т/м^3 в слое 0-0,4 м до 1,26-1,39 т/м^3. Но это меньше чем на контроле (1,41-1,49 т/м^3) и повторного рыхления на следующий год не требуется. Отмечается некоторое снижение пористости почвы к концу вегетации как на контроле, так и в варианте рыхления. Это изменение в обоих случаях не превышает 1-2%, но на разрыхлённых участках пористость почвы будет постепенно снижаться до исходной. Наблюдения показывают, что со временем разрыхления почва уплотняется. Наиболее заметен эффект глубокого объёмного рыхления в первый год и наблюдается ещё один-два года. После этого требуется возобновить механическое разуплотнение почвенного профиля.

Таблица 2.

Значение пористости почвы на опытном участке в начале и конце вегетационного периода

Горизонты, м	Контрольный участок				Разрыхлённый участок			
	В начале вегетации		В конце вегетации		В начале вегетации		В конце вегетации	
	Объёмная масса, т/м^3	Пористость, %	Объёмная масса, т/м^3	Пористость, %	Объёмная масса, т/м^3	Пористость, %	Объёмная масса, т/м^3	Пористость, %
0-0,1	1,39	48,0	1,41	47,0	1,22	55,5	1,26	53,0
0,1-0,2	1,42	47,0	1,44	46,3	1,26	53,0	1,31	51,0
0,2-0,3	1,46	45,7	1,47	45,3	1,29	51,8	1,34	50,0
0,3-0,4	1,48	44,8	1,49	44,5	1,32	50,9	1,39	48,0
0,4-0,5	1,50	44,1	1,50	44,1	1,36	49,4	1,40	48,8
0,5-0,6	1,52	43,3	1,55	42,1	1,42	47,0	1,45	46,1
0,6-0,7	1,56	41,9	1,59	41,0	1,54	42,1	1,58	41,6
0,7-0,8	1,64	38,8	1,66	38,0	1,63	38,4	1,65	37,3
0,8-0,9	1,66	38,0	1,68	37,5	1,67	37,3	1,69	36,8
0,9-1,0	1,70	36,8	1,70	36,8	1,69	35,9	1,70	35,4

Объёмное рыхление на орошаемых, особенно в богарных землях увеличивает скважность почвы, аккумуляцию атмосферной воды и дополнительное накопление влаги в почве. Коэффициент стока увеличивается в 2-3 раза. На засолённых почвах это способствует дополнительному рассолению почв. Улучшается режим увлажнения почвы, почвенная влага перераспределяется по глубине, обеспечивается равномерное увлажнение и питание корневой системы растений. Ускоряется поступление воды в нижние горизонты, что способствует сокращению её потерь на испарение и концевые сбросы из борозд орошения.

Сплошное глубокое объёмное рыхление изменяет структуру потерь оросительной воды при поливах по бороздам, так как существенно изменяются водно-физические свойства почвы. При этом уменьшаются потери воды на испарение и концевой сброс, но увеличиваются инфильтрационные потери. В таблице 3 приведены удельные потери оросительной воды в зависимости от уклонов поверхности и степени водопроницаемости почв. За контроль приняты потери на слабопроницаемых не разрыхлённых почвах.

Таблица 3.

Структура потерь воды на испарение, инфильтрацию и поверхностный сброс при поливах по разрыхлённым бороздам

Уклон поверхности	Степень водопроницаемости почв	Потери воды, %		
		Инфильтрация	Испарение	Поверхностный сброс
0,05-0,02	Контроль (слабая)	12,0	6,5	11,5
	Глубокое рыхление (сильная)	22,0	1,5	6,0
	Глубокое рыхление через 1 год (средняя)	14,0	2,0	8,0
0,02-0,01	Контроль (слабая)	6,0	4,0	23,0
	Глубокое рыхление (сильная)	17,0	1,5	14,5
	Глубокое рыхление через 1 год (средняя)	7,0	3,0	20,0
0,01-0,005	Контроль (слабая)	3,0	4,5	23,5
	Глубокое рыхление (сильная)	12,0	1,1	15,0
	Глубокое рыхление через 1 год (средняя)	4,5	2,2	21,5
0,005-0,001	Контроль (слабая)	9,0	6,0	12,5
	Глубокое рыхление (сильная)	16,0	1,0	9,5
	Глубокое рыхление через 1 год (средняя)	11,0	2,0	1,05

Анализ данных таблицы показывает, что концевой сброс снижается в 1,5-2,0 раза, а потери на испарение в 2,5-4 раза в зависимости от уклона поверхности. В тоже время в 1,5-2,0 раза увеличивается глубинный сброс оросительной воды.

Список литературы:
1. Доспехов Б.А. Методика полевого опыта. - М: Колос, 1979. -416с.
2. Земельный фонд Государственного комитета по землеустройству и геодезии Республики Таджикистан по состоянию на 1 января 2022г.
3. Информационный бюллетень Агентства мелиорации и ирригации при Правительстве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017.
4. Максименко В. П. Комплексная мелиорация уплотненных почв на орошаемых землях. [Текст]: автореф. дис..док. с.-х. наук. -М., 2011. – 45с.
5. Михайлин А.А. Применение глубокого рыхления глубокорыхлителем ГНЧ-0,6 в зоне орошения // Научный журнал КубГАУ, №24(8), 2006.
6. Носиров Н.К., Казаков В.С. Руководство по мелиорации почвенного профиля при комплексной реконструкции оросительных систем (на примере Яванской долины). Душанбе, 1991г. -48с.
7. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Душанбе, 26 декабря 2019г.http://ej.kubagro.ru/2006/08/pdf/29.pdf
8. Пулатов Ш.Я. Совершенствование бороздкового способа полива. –Душанбе.: Хирадмандон, 2020. -174 с.

ТАЪСИРИ ГУЗАРОНИДАНИ ҶУМҲУРИИ МЕЛИОРАТИВӢ БА ХУСУСИЯТҲОИ ОБУ-ФИЗИКИИ ХОК

Пулатов Ш.Я.

Аннотатсия: *Дар мақола натиҷаҳои бисёрсолаи тадқиқот оид ба омӯзиши истифодабарии ҷуқуршудгоркунии мелиоративии хок ва таъсири он ба хосиятҳои обӣ-физикии хокҳо дар аввал ва охири давраи нашъунамо, инчунин структураи талафи об дар натиҷаи бухоршавӣ, полоиш ба қабатҳои поёнии замин (инфилтратсия) ва талафи об дар натиҷаи поёноби мақбурӣ ҳангоми обёрии ҷӯякӣ оварда шудааст. Дар натиҷаи тадқиқотҳо муайян карда шудааст, ки ҳангоми истифодабарии ҷуқуршудгоркунии мелиоративии хок қиммати массаи ҳаҷмии хокҳо ба 15-20% паст гардида талафи об дар натиҷаи поёноби мақбурӣ 1,5-2,0 маротиба ва талафи об дар натиҷаи бухоршавӣ 2,5-4,0 маротиба вобаста аз нишебии сатҳи замин кам мегардад.*

Калидвожаҳо: *ҷуқуршудгоркунии мелиоративии хок, обёрии ҷӯякӣ, хосиятҳои обӣ-физикии хокҳо, массаи ҳаҷмӣ, ковокнокӣ, талафи об, бухоршавӣ, инфилтратсия, поёноби (партоби) сатҳӣ.*

INFLUENCE OF DEEP AMELIORATIVE LOOSENING ON THE WATER-PHYSICAL PROPERTIES OF THE SOIL

Pulatov Sh.Ya.

Annotation: *The article presents the results of long-term research on application of deep ameliorative soil loosening and its influence on water-physical properties of soil at*

the beginning and end of vegetation period, as well as the structure of water losses for evaporation, infiltration and surface discharge during furrow irrigation. According to the results of the study it was revealed that at application of deep ameliorative loosening of soils the soil volumetric mass decreased by 15-20%, end discharge decreased by 1.5-2.0 times, and evaporation losses by 2.5-4 times depending on the surface slope.

Key words: *deep ameliorative loosening, furrow irrigation, water-physical properties of soil, volumetric mass, porosity, water losses, evaporation, infiltration, surface discharge.*

Сведение об авторе: Пулатов Шавкат Ярашович - кандидат технических наук, доцент, заведующий кафедрой мелиорации, рекультивации и охраны земель Таджикского аграрного университета имени Ш.Шотемур. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 146. Тел: +992919000660. E-mail: Sh_Pulatov@mail.ru

УДК 504.03

ОМИЛҲОИ ГИДРОЛОГӢ-ГЕОГРАФӢ ДАР ШАРОИТИ ТАЪҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ЗУҲУРОТИ МУШКИЛОТҲОИ ОБИЮ ЭКОЛОГИИ РӮДҲОИ НИШЕБИИ ҶАНУБИИ ҚАТОРКӮҲИ ҚУРАМА

Акмалзода М.М.
Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Аннотатсия: *дар мақола шароити табию географии ташаккул, таъсири тағйирёбии иқлим ба ҳолати реҷаи гидрологӣ, рӯдҳои нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама, навъҳои гизогирӣ, истифодаи хоҷагӣ, роҳу усулҳои истифодаи босамари онҳо нишон дода шудааст.*

Дар сарҳади шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи Мевагул воқеъ гаштааст, ки ба силсилаи кӯҳсори гарбии Тиёншон мансуб мебошад. Дар ҳудуди қаторкӯҳӣ Қурама вобаста ба мавқеи географӣ, ташаккули гидрография ва реҷаи гидрологии рӯдҳои нишебии ҷанубии он на танҳо ба сохти геологӣ ва орография балки ба иқлим хос буда ва вобастагии калон дорад. Давомнокии фасли гарм то 260 рӯз дар ҳамвориҳо ва дар баландиҳои 2000 м 200 рӯз ва давомнокии ҳарорати аз 100 баланд дар ҳамвориҳо 220 дар кӯҳҳо 160 рӯзро ташкил медиҳад. Боришот дар қисми бештари ин музофот дар шакли борон рух медиҳад, пушиши барф ҳамаги то 30 рӯз давом мекунад. Нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама ва ҳавориҳои нишебии он аз наботот сирак мебошад, лекин вобаста аз баландӣ ба самти шонаи қаторкӯҳ зина ба зина ба таври минтақавӣ ҷойи иваз мекунанд. Рӯдҳои ҷанубии қаторкӯҳи Қурама то ба имрӯз саҳеҳ омӯхта нашудаанд, зеро аксарияти онҳо аҳамияти маҳаллӣ доранд, иқтидори иқтисодиашон нокифоя мебошад, мутаассифона барои дар онҳо сохтмонҳои азими энергетикӣ, ирригатсионӣ имкониятҳои хуб мавҷуд нест.

Калидвожаҳо: *рӯдҳо, реҷаи гидрологӣ, гизогирӣ, маҷро, сарчашма, резишгоҳ, навъҳои гизогирӣ, серобӣ, гранидиоритҳо диоритҳо, эра, палеозой, пролювиалӣ, акуммулятсия, денудатсия, морфометрӣ, селанбор, магматикӣ, камобӣ.*

Дар сарҳади шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қаторкӯҳи Қурама ва кӯҳи Мевағул воқеъ гашта ба силсилаи кӯҳсори ғарбии Тиёншон мансуб мебошад. Қаторкӯҳи Қурама дар шарқ аз қаторкӯҳи Чатқол ба самти андаке ҷанубу ғарб ба масофаи беш аз 170 км тӯл кашидааст. Ҷойи аз ҳама баландтарини ин қаторакӯҳ қуллаи Бобои Об (3768 м) ном дошта, дар самти шимолу шарқии он воқеъ гаштаааст. Ин қаторкӯҳ ба самти ҷанубу ғарб оҳиста паст шуда, дар ҳавмории Дилварзин хотима меёбад. Дар ғарб қаторкӯҳ ба шохаҳои Олтинтопган, Қалқанот ва Қарамзор ҷудо мешавад, ки онҳо бештар ба самти ҷануб кашол ёфта хобидаанд. Нуқтаи баланди кӯҳи Қаромазор 2500 м баландӣ дорад. Дар ҳудуди Тоҷикистон қаторкӯҳи Қурама аз ҷиҳати геологӣ қадимтарин ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз шонаю теғаҳои он зери омилҳои гуногуни табиию – географӣ харобу фарсуда шудаааст, бинобар ин қуллаҳои он чандон буридашудаву нугтез нестанд. Ағбаҳояшон пасту осонгузар мебошанд. Ағбаи Кандирдавон 2141 м баландӣ дорад, водии Фарғонаро ба музофоти Тошканд мепайвандад. Нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама нисбат ба нишебии шимолияш, ки ба Узбекистон мутааллиқ мебошад рост фаромада буда, ба пораҳои зиёд бурида шудааст, аз ин рӯ релйефи мураккаб ва манзараи ба худ хос дорад.

Рӯдҳои доимӣ ва муваққатӣ қаторкӯҳро аз шимол ба самти ҷануб бурида дараҳои умқашон тангро ташкил додаанд, ки дарозии гуногун доранд, зерашон ба сангрезаю сангпораҳо фаро гирифта шудаанд, ҳамвориҳое, ки барои киштукор ва сохтани деҳаҳо мувофиқанд камтар ба назар мерасад.

Дар ҷанубу ғарбии қаторкӯҳи Қурама кӯҳи Мевағул (Муғул) ҷойгир шудааст, дар соҳили рости дарёи Сир дар муқобили шаҳри қадимаи Хуҷанд воқест, 35-40 км дарозӣ ва қуллаи Музбеки он 1623 м баландӣ дорад, паҳнияш бошад ба 10-15 км ва масоҳаташ ба 360 км2 мерасад. Қисми марказӣ ва шарқии кӯҳ аз ҷинсҳои гранидиоритҳо, диоритҳои фишонидашуда ва аз ҷинсҳои такшонии эраи палеозой иборат мебошад. Нимаи ғарбии кӯҳ бошад аз олоизҳо (конгламератҳо), ҷинсҳои интрузивӣ, варақсангҳо ва аз оҳаксангу мармар ташаккул ёфтааст. Дар пояи кӯҳ бештар таҳшониҳои аллювиалӣ, делтаҳои рӯдҳои хушкида ва махрутҳои онҳо паҳншудаанд. Дар нишебҳои ҷанубу ғарбии кӯҳ дараҳои тангу кӯтоҳ мавҷуданд. Баҳорон аз байни онҳо рӯдчаҳои камоб ҷорӣ мешаванд, вале то ба ҳамвориҳои пешкӯҳ омада намерасанд, зери обовардаҳои махрутшакл фурӯ бурда мешаванд. Дар байни қаторкӯҳи Қурама дар шимол ва кӯҳи Мевағул дар ҷануб ҳавмории Мирзоработ воқест. Ин ҳавморӣ дар ғарб ба ҳамвории васеи Дилварзин пайваст мешавад.

Дар соҳили рости дарёи Сир то доманаи қаторкӯҳи Қурамаю кӯҳи Мевағул ҳамворие воқеъ гардидааст, ки онро водии Дашт меноманд. Бари (паҳнии) ин водӣ аз 8-14 то 30 км буда, дар муқобили шаҳри Хуҷанд танг шуда ба 2 км мерасад. Баландии он аз сатҳи баҳр 400-500 м ва дар пояи қаторкӯҳи Қурама ба 500-600 м мерасад, асосан аз таҳшонҳои пролювиалӣ, яъне аз обовардаҳои рӯдҳои муваққати тӯли асрҳои бардавом ташаккул ёфтааст. Ҳамвории мазкур ба самти шимолу шарқ андак баланд шуда, ба тарфи дарёи Сир нишеб хобидааст. Дар доманаи ҷанубии ин ҳамворӣ дар самти ғарб кӯҳҳои Сомғар («Кӯҳи Сом») ва Оқбел ва

дар шарқии он Оқчопу Қизилҷар қомат афрохтаанд. Дар шарқтари ин ҳамворӣ ва пасткӯҳо майдони васеъи Ашти Калон доман паҳн намудааст. [1, 15]

Дар ташаккули гидрография ва реҷаи гидрологии рӯдҳои нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама на танҳо сохти геологӣ ва орография балки иқлим роли калон мебозад. Мутаассифона дар ҳудуди ин музофоти табию географӣ пойгоҳҳои гидрометеорологӣ бениҳоят каманд, бинобар он дар бораи иқлими ин музофот маълумотҳо нокифоя ва баъзе маълумотҳои мавҷуда шубҳаангез менамоянд.

Давомнокии фасли гарм то 260 рӯз дар ҳамвориҳо ва дар баландиҳои 2000 м 200 рӯз ва давомнокии ҳарорати аз 100 баланд дар ҳамвориҳо 220 дар кӯҳҳо 160 рӯзро ташкил медиҳад, ҷамъи ҳарорати фаъол ба 2500 – 4800 (50000) мерасад.

Ҳарорати миёнаи моҳи январ дар Бӯстон (н.Мастчоҳ) -0,40С дар Ашт -2,50С, ҳарорати миёнаи моҳи июн ба 24-270С (290С) мерасад.

Боришот аз ғарб ба самти шарқ коҳиш меёбад. Агар дар ғарб (Бӯстон) дар давоми сол аз 295 то 340 мм дар Олтинтопкан 483 мм, Қайроққум -135 мм, дар шарқ шаҳраки Шайдон 180 мм рух медиҳад, дар доманакӯҳҳо 400-500 мм, дар миёнакӯҳҳо то 800 мм ба амал меояд. [2. 407]

Қайд кардан ҷоиз аст, ки бориш дар қисми бештари ин музофот дар шакли борон рух медиҳад, пушиши барф ҳамаги то 30 рӯз давом мекунад. Танҳо дар қисми шарқии қаторкӯҳи Қурама барф бештара рух медиҳад, дар ҷойҳои алоҳидаи нисбатан бештар захира мешаванд ва ба ғизогириии тобистона ва тирамоҳии рӯдҳо ғизо мебахшанд.

Бояд гуфт, ки бо сабаби чандон баланд будани қаторкӯҳи Қурама, яъне аз рахи фирнавӣ паст будани он ин ҷо фирна ва пиряхҳо пайдо шуда наметавонанд.

Нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама ва ҳавориҳои нишебии он аз ботот камбағал ва вобаста аз баландӣ ба самти шонаи қаторкӯҳ зина ба зина ба таври минтақавӣ ҷойи иваз мекунанд. Мебояд гуфт, ки бо сабаби кам будани боришоти атмосферӣ бототи ин музофот хосияти басо ксерофитӣ гирифтаанд. Музофот, аз бототи буттагиву дарахтӣ камбағал мебошад. Дар поён (ҳавориҳои домана замини) бототи биёбонӣ аз он баландтар бототи буттагии резабарг (шибляк) ва баландтар аз он бурсзорҳои сирак ва ниҳоят дар наздикиҳои теғаи қаторкӯҳ чун ҷазираҳои алоҳида бототӣ даштии типчоқӣ дучор мешавад. Маълумотҳои таърихӣ ва дар ҷойҳои алоҳидаи дастнорас дучор шудани буттаву дарахтҳои алоҳида аз қабили бурс (арча) аз он гувоҳи медиҳанд, ки дар замонҳои гузашта нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Қурама аз бототи дарахтӣ ва буттагӣ ғани будааст, вале талабот бо масолеҳи сохтмон ва сӯзишворӣ, кӯҳкорӣ одамонро водор намуд, ки даст ба буридани онҳо зананд. Ҷангал, ки хосияти хуби барфу обнигоҳдорӣ ва ба танзим даровардани обшораи рӯдҳоро дошт ва даст дод. Барои ҳамин ҳам чанде аз рӯдҳо ҳоло камоб ва мавсимӣ гардидаанд.

Ҳамин тариқ ба шароиту омилҳои асосии ташаккулдиҳандаи захираҳои оби нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама (музофоти Қурама), шинос шудем. Акнун моро лозим аст, ки ба ҷойгиршавии рӯдҳо, тарзи ғизогирӣ, реҷаи гидрологии онҳо шинос шавем ва чанде аз онҳоро таҳқиқу тавзеҳ намоем. Хотирнишон менамоем, ки рӯдҳои ҷанубии қаторкӯҳи Қурама то ба имрӯз саҳеҳ омӯхта нашудаанд, зеро аксарияти онҳо аҳамияти маҳаллӣ доранд, иқтидори иқтисодиашон нокифоя мебошад, барои дар онҳо сохтмонҳои азими энергетикӣ, ирригатсионӣ имкониятҳои хуб нест. Доир ба чанде аз рӯдҳои нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама дар таълифҳои муҳаққиқон И.А.Ильин (1959), А.О.Кеммерих (1978), В.Л.Шульц (1965), И.Г.Тохиров, Г.Д.Купайи (1998), М.Х.Хоҷаев (1996), С.А.Ашуров (1977),

Ҳ.Очилов ., Ҳ.Аброров (2003), И.С.Шукин (1936), И.С.Гольц (1948), В.АМакусунов (1968), Таджикистан (1982) ва ғайра дигарҳо андешаронӣ шудааст, вале хамчун мавзӯи алоҳида таҳлилу таҳқиқ нагаштааст. Биноан баҳои дурусти илмӣ додан кори басо мушкил ва заҳматталаб мебошад. Аз ин вақҳ мо маълумотҳои кандаву парокандаро порча-порча ҷамъ намуда, таҳил ва баррасӣ намудем.

Нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама 6150 км2-ро ташкил медиҳад. Дар ин ҳудуд рӯдҳое, ки дарозиашон аз 1 то 10 км мерасанд ба 478 мерасанд, дарозии умумии онҳо ба 1337 км баробар аст, зичии шабакаашон бошад ба 0,22 км2 мерасад. Рӯдҳои дарозиашон беш аз 10 км ҳамаги 45 то буда, дарозии умумиашон беш аз 900 км-ро ташкил медиҳанд, зичии шабакаи рӯдҳо ба 0,15 км2 мерасад. Ҳамаи рӯдҳои беш аз 1 км дарозӣ дошта ба 600 наздик аст, дарозии умумиашон ба 2300 км ва зичии шабакаи рӯд ба 0,40 км2 наздик аст.

Аз ҷумла шумораи рӯдҳои мавсимӣ 271-ро ташкил медиҳанд, онҳо 772 км дарозӣ доранд, аз ҷумлаи чунин рӯдҳо 22 рӯд беш аз 10 км дарозӣ дошта масофаи якҷояи онҳо ба 300 км мерасад.

Водии ин рӯдҳо аз ду қисми аз якдигар ба куллӣ фарққунанда иборатанд: қисми аввали водиҳо аз дараву тангноҳо (канон)-и V монанд иборат буда, манбаи асосии ғизогирии обҳои мавсимӣ (боронҳои мавсимӣ) мебошанд. Маҷрои ин рӯдҳо аз сангрезаву сангпораҳо ва харсангҳо иборат мебошанд. Қисмҳои алоҳидаи водӣ тамоман урёну бегиёҳанд. Оби ин рӯдҳо то ба ҳамвориҳои доманаи кӯҳ омада намерасанд.

Дар қисми дуввум рӯдҳо аз кӯҳ баромада обовардаҳои аз сарчашма овардаашонро дар ҳамвориҳои доманаи қаторкӯҳ таҳшон намуда, махрутҳои васеъро ташкил мекунанд. Нишебӣ ва суръати ҳаракати рӯдҳо хеле суст (оҳисат) буда, дар ҳамвориҳои пешкӯҳ ба шохаҳо ҷудо ва ниҳоят оби рӯдҳо ба зери таҳшониҳо фурӯ бурда мешаванд.

Рӯдҳои ҷанубии қаторкӯҳи Қурама ва дигар кӯҳу пасткӯҳҳои ба ин музофот мансуб буда, аз ҷиҳати обшораашон се навъ мешаванд: ба гурӯҳи аввал рӯдҳое мансубанд, ки дар маҷроашон об дар тамоми сол ҷорӣ мешавад. Ин навъ рӯдҳо аз баландиҳои 2500-3000 м сарчашма мегиранд. Дар сарчашмаи онҳо барфи зимистон борида дергоҳ нигоҳ дошта мешаванд. Ба ин қабил рӯдҳо Ошоба, Ғудоссой, Шайдон ва ғайра дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюм ҳамон рӯдҳое мебошан, ки ҳангоми об шудани барф ва боридани боронҳои баҳорӣ дар маҷрои об ҷорӣ мешавад. Сарчашмаи чунин рӯдҳо аз баландиҳои 1500-2500 м оғоз меёбанд. Ин навъ рӯдҳо ҷараёни муваққатӣ доранд. Рӯдҳои мазкур баҳорон сероб шуда, дар аввалҳои тобистон камоб ва ниҳоят мехушканд.

Гурӯҳи сеюм рӯдҳои хушкшаванда буда, дар маҷро гоҳо ба миқдори кам, баҳорон ҳангоми боридани боронҳои мавсимӣ, ки гоҳ-гоҳ рух медиҳад об ҷорӣ мешавад. Аксар ибтидои ин рӯдҳо дар саргаҳи водиҳое ҷойгир шудаанд, ки то 1500 м баландӣ доранд. [3.37]

Сабаби ҳамеша дар маҷро об набудан чунин водиҳо аз он иборат аст, ки саргаҳи водиҳо паст мебошанд, ҳарорати ҳавои атмосферӣ дар фасли баҳор зуд гарм мешавад, дар чунин ҷойҳо гуфтан мумкин аст, ки бориши сахт (барф) намеборад ва ё ниҳоят кам меборад, зери водиро ҷинсҳои мулоиму ковоки аллювиалию праллювиалӣ фаро гирифтаанд, қобилияти хуби обгузаронӣ ва полоиш доранд, барфобаҳои нокифояро замин ба худ меҷаппад, ҷараёни сатҳи ҳосил мешавад. Дигар тафовути ин гурӯҳ аз он иборат мебошад, ки ғизогириашон ба обҳои зеризаминӣ алоқа надоранд. Гурӯҳи рӯдҳои якум ғизогирии доимии обҳои зеризаминиро соҳибанд. Гурӯҳи дуюми рӯдҳо 1-2 моҳ аз обҳои зеризаминӣ ғизо мегиранд, зеро ин обҳо манбаи доимии ғизогирӣ доранд, оби бо-

рону барфобаҳои дар махзанҳои зеризаминӣ ворид шуда, захира гашта чандон бузург нестанд, ба зуди харҷ шуда, тамом мешаванд. Гурӯҳи сеюми рӯдҳо аз ғизогирии обҳои зеризаминӣ маҳрум мебошанд. [4.251]

Хотирнишон намудан ҷоиз аст, ки чун дигар музофотҳои кӯҳӣ рӯдҳои ҷанубии қаторкӯҳи курама ҳам аз кӯҳ сарчашма мегиранд, барои ҳамин, ҳам дар саргаҳи рӯдҳо эрозия ва дар поёнҷараёни онҳо акуммулятсия бартарӣ дорад. Суръати ҷараёни рӯдҳое, ки аз мавзеъҳои сахти ҷинсҳои кӯҳӣ мегузаранд хеле нишебанд ба 3 м/сония мерасанд. Дар саргаҳи маҷрои ин рӯдҳо остнаву шаршараҳо дучор мешаванд, сангоб (обғалт) дида, намешаванд. Дар ҷойҳое, ки атрофи водиро ҷинсҳои мулоим фарогирифтаанд маҷрои рӯдҳо васеъ мешаванд, дар чунин маҷрои васеъ оби рӯдҳо сайркунанда буда, гоҳо ба тарфи рост ва гоҳи дигар ба тарфи чап тоб мехӯранд, гоҳи дигар ба шохаҳо тақсим мешаванд, ҷазираҳои муваққатӣ пайдо мешаванд, суръати ҳаракаташон оҳиста (1,0 м/сон) мешавад. Нисбат ба дигар ноҳияву музофотҳои Тоҷикистон ин ҷо зичии шабакаи рӯди (дарёӣ) суст инкишоф ёфтааст, яъне аз 0,15 то ба 0,60 км2, дар дараву водиҳои ғарбӣ (Сардобсой, Уткансу) ва водиҳои шарқӣ (Аштсой ва Охташсой) зичии шабакаи дарёи 0,40-0,60 км2 андаке бештар аст. Қисми марказии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама вобаста ба хосиятҳои геологии худ боиси кам шудани зичии шабакаи дарёи -0,15 – 0,30 км2 гардидааст.

Қаторкӯҳи Қурамаро аз ҷиҳати шабакаи гидрографӣ ба ду қисм – ғарбӣ ва шарқӣ тақсим намудан лозим меояд. Қисми ғарбӣ то рӯди Уткансу сохти сатҳ хеле зиёд бурида шуда буда, хусусиятҳои денудатсия (харобшавӣ) бартарӣ дорад. Айни замон дар қисми шарқӣ ҳам денудатсия фаъол мегузарад. Сабаби ин ҳолат бегиёҳӣ (луч будани сатҳ), фаъолбудани фарсоиши физикавӣ алоқаманд аст. Дар қисмҳои беш аз 1500 м аз сатҳи баҳр баланд будани водии рӯдҳо шабакаи дарёӣ зичтар аст, зеро бориш бештар меборад, маҳалҳои аз ин баландиҳо паст буда, бориш кам ва зичии шабакаи дарёӣ низ кам аст, зеро бориш камтар меборад.

Рӯдҳои нишебии ҷанубии Қурама аз 25 (р.Аштсой) то 59 км (р.Уткенсу) дарозӣ доранд. Масофаи байни сарчашма то ба ҳамворӣ баромадан аз 16 (р.Ошобсой) то 34 км (р.р.Шайдонсой, Қарамазорсой, Уткенсу) мерасанд. Водии рӯдҳои нишебии ҷанубу шарқии қаторкӯҳи Қурама асосан пайдоиши тектонию – эрозионӣ доранд. Паҳнии қаъри водии рӯдҳо аз якчанд метр то ба 200-300 м мерасанд. Дар поён аломатҳои морфометрӣ, тарзи ғизогирӣ ва реҷаи гидрологии рӯдҳои калонтарини ҷанубии қаторкӯҳи Қурама тавзеҳкарда мешавад:

1. Сардобсой дар нишеби шимолу ғарбии қаторкӯҳи Қурама воқеъ буда, аз ағбаи Сарим-Сақли аз баландии 1800 м сарчашма мегирад, 33 км дарозӣ ва 239 км2 майдони обғундор дорад. Рӯди мазкур шохобҳои зиёде дорад, ки ба самти ҷанубу ғарб ҷорӣ мешавад, вале ба ҳамворӣ баромада мехӯшкад. Водии рӯд шакли V-ро дорад, гоҳо водӣ васеъ мешавад, гоҳи дигар аз байни тангноҳо мегузарад. Паҳнии миёнаи ҳавзаи рӯд ба 7,25 км мерасад. Баландии миёнаи ҳавзаи рӯд 1200 м-ро ташкил медиҳад, шаҳраки Бӯстонро, ки 400 м баландӣ дорад, резишгоҳи ин рӯд мешуморанд. Ғизогирии рӯди Сардобсой омехта буда, аз ҳисоби борон, барф ва чашмаҳо, ки аз байни ҷинсҳои решагӣ мебароянд ба амал меояд. Дар ҳавзаи рӯд ба ҳисоби миёна соле 548 мм бориш ба амал меояд. Масрафи оби рӯд тӯли сол дар ҳудуди калон тағйир меёбад. Бо баробари аз саргаҳ ба суйи резишгоҳ ҳаракат карда омадани рӯд сарфи он коҳиш меёбад, зеро як қисми об дар байни ҷинсҳои ковоки аллювиалии ғафс дохил шуда, меравад. Баҳорон ҳангоми серобӣ Сардобсой ва шохобҳои он ҷинсҳои зиёдеро шуста ба

поёноб мебарад. Дарёбодҳои канори рӯд то 5 м баландӣ доранд. Модули обшораи рӯд ба 1,42 л/сон км2 баробар аст. Дар ҳавзаи рӯди Сардобсой ҳодисаи омадани сел қариб ҳар сол такрор меёбад ва харобиҳои зиёдеро ба бор меоварад. Соли 1960 бо мақсади пешгирии сел селанбор сохта шуда буд, соли 1969 сел рух дода сарбандро хароб намуд. Барои барқарор намудани селамбор хараҷоти зиёд лозим шуд. Оби ин рӯд барои корҳои хоҷагӣ сарф мешавад.

2. Мулломирсой (Қарахона)-ро дар сарчашмааш Надаксой меноманд, вале дар ҳуҷҷатҳои маъмурӣ бо номи Мулломирсой қайд шудааст. Ин рӯд дар назди деҳаи Даҳана аз кӯҳ ба ҳамворӣ мебарояд. Рӯди Мулломирсай 36 км дарозӣ, 480 км2 майдони обгундор дорад, баландии сарчашмааш 2470 м, резишгоҳаш дар баландии 600 м воқест, шабакаи дарёӣ ва ҷорӣ ба 0,33 км2 баробар аст. Харҷи миёнаи об 0,96 м3/сон модули миёнаи харҷ ба 6,2 л/сон км2 мерасад. Маҷрои бе оби дарё то ба кӯли Оқсукон давом мекунад ва танҳо дар давраи басо серобӣ ба кӯл омада мерезад. Ҳангоми ба каналҳои обёрикунанда гирифтани оби рӯд дар давраи камобӣ дар маҷро ҷараёни об хотима меёбад, як қисми дигари он ба зери таҳшонҳои ковок фурӯ бурда мешавад. Ҳавзаи рӯди дарёи Мулломирсой бештар аз ҷинсҳои магматикӣ иборат мебошанд. Нисфи ҳавзаи рӯд аз харсангҳо ва сангрезаю сангпораҳо иборатанд, сеяки ҳавзаи рӯдро маҳинхок фарогирифта ба чим ва набототи алафӣ пӯшидашудааст, дар маҳалҳои алоҳида бурс (арча) дучор мешавад.

3. Шайдонсой (Понғоз) яке аз рӯдҳои дарозтараини нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Қурама ба ҳисоб меравад ва он ба 74 км мерасад, ҳавзаи обгундорӣ он ба 278 км2 баробар аст. Сарчашмаи ин рӯд дар баландии 2960 м ва резишгоҳи дар баланди 520 м ҷойгиршудааст, баландии миёнаи ҳавзаи рӯд ба 1521 м баробар аст. Рӯди Шайдон аз нишебиҳои нисбатан баланди қатокӯҳи Қурама қуллаҳои Охшуран ва Бобои Об (3700 м) сарчашма мегирад. Ҳангоми камоби ин рӯд то ба шаҳраки Шайдон (Шаҳидон) омада мерасад. Маҷрои беоби рӯд то ба кӯли Оқускон давом кардааст. Қисми зиёди ҳавзаи ин рӯдро ҷинсҳои эффузивӣ, хоросанг, гранодиоритҳо ва сангпораҳои урён ташкил медиҳанд. Рӯд 1,5-2 км поёнтари саргаҳи водӣ ибтидо мегирад, ба рӯдчаи хурд шабеҳ аст, борҳо дар зери таҳшониҳои шағалию хоросанги фурӯ рафта боз ба сатҳ мебарояд. Рӯд дар тӯли роҳи ҳаракати худ аз ҳисоби чашмаю шохобчаҳо пуробтар мешавад. Саргаҳи водӣ аз дараи танги деворҳои ростфаромадаи кӯҳӣ иборат мебошад. Дар қисми миёнаи водӣ ва бештар дар соҳили рости он заминҳои киштшавандаи нишеб хобрафта иборат аст. Дар чунин ҷойҳо бо масофаи калон деҳаҳо ҷойгир шудааст ба ҳам пайваст гаштаанд, манзараи зеборо ташкил додаанд. Роҳи мошингард бевосита дар канори чапу рости рӯд ҷойгир шудаанд.

Барои қисми миёна ва поёнҷараёни рӯд, паҳнии маҳалҳои атроф ба 0,5-1,5 км мерасад. Дар ин маҳалҳо зардолу, себ, нок, ангур ва ғайра инчунин зироатҳои обчакориву сабзавотӣ парвариш карда мешавад.

Харҷи миёнаи солонаи оби рӯд ба 1,28 м3/сон ва модули харҷ ба 6,6 л/сон.км2 баробар аст. Оби рӯдро тавассути шоҳҷуйборҳо ба тарафи чапу рост баҳри корҳои кишоварзӣ ва таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ истифода мебаранд. Барои ҳамин ҳам харҷи (сарфи) об дар поёнҷараён коҳиш ёфта ба 0,1-0,3 м3/сония мефарояд. Дар маҷрои ин рӯд тӯли фаслҳои гуногун об ҷорӣ мешавад, зеро дар саргаҳи он барфҳои бисёрсола ҷойгир шуда ба рӯд мунтазам ғизо мебахшад. Баҳорон ва аввалҳои тобистон ин рӯд сероб аст, пасон харҷи об коҳиш меёбад. Дар маҷрои рӯд харсангу сангпораҳо бисёранд, онҳоро селобҳои бузург аз сарчашма ба самти поёноб фаровардаанд. Селобҳо бисёрвақт

боиси талафоти калони иқтисодию иҷтимоӣ мегарданд. [5.55]

4. Рӯди Ошоба (ковон)-сой ба монанди Шайдонсой аз доманаи қуллаи Бобои Об сарчашма мегирад, қариб тамоми ҳавза аз ҷинсҳои кӯҳии интрузивӣ ва эффизувӣ иборат мебошад. Дар ҳавзаи ин рӯд набототи дарахтию буттагӣ қариб дучор намешавад, набототи алафӣ дар ҷойҳои алоҳида қитъаҳои хурдро ташкил додаанд, инҷо харсангҳои луч нисфи майдони ҳавзаро фаро гирифтаанд. Рӯди Ошоба 23 км дарозӣ, 108 км2 майдони обгундор дорад, аз баландии мутлақи 3400 м сарчашма мегирад, резишгоҳаш дар баландии 620 м, баландии миёнаи ҳавза 1933 м мебошад. Харҷи миёнаи солонаи об 0,45 м3/сон, модули харҷ ба 5,1 л/сон.км2 баробар аст. Манбаи ғизогирии ин рӯд боронҳо ва барфҳои мавсимӣ мебошад. Дар ҳавзаи рӯди Ошоба заминҳои киштшаванда бештар буда, боғҳои мевадиҳанда камтар мебошанд, солҳои охир ба равнақи ин масъала диққат дода мешавад.

5. Рӯди Ғудос аз нишебиҳои самти ҷанубу шарқи қуллаи Бобои Об сарчашма мегирад. Қариб тамоми ҳавзаи рӯдро ҷинсҳои интрузивӣ фаро гирифтаанд. Ҳамагӣ 4% ҳавзаи ин рӯдро наботот ишғол намудааст. Ин рӯд дар саргаҳи худ борҳо ба сатҳи замин баромада, боз дар зери таҳшониҳои аллювиалӣ фурӯ бурда мешавад. Тобистон оби рӯд аз ҳудуди кӯҳ берун намебарояд, 3-5 км поёнтар аз деҳаи Ғудоси Боло хотима меёбад. Дарозии умумии Ғудос 28 км, майдони обгундор 80 км2, сарчашма дар баландии мутлақи 3020 м, резишгоҳ дар баландии 410 м ҷойгир шудааст, баландии имёнаи ҳавза 1686 меттро ташкил медиҳад. Рӯд аз борону барфҳои мавсимӣ ғизо мегирад. Харҷи миёнаи солонаи рӯд 0,21 м3/сон, модули харҷ ба 5,6 л/сон.км2 баробар мебошад. Баъзан ҳангоми пуробии баҳорӣ оби рӯд то ба канали Фарғонаи Шимолӣ расида онро ба гил ва регу сангрезаҳо пур намуда ба ҳамин зарари калон мерасонад, баҳри тозаву баркрор намудани канал меҳнату маблағи калон сарф мешавад.

Ҷинсҳои кӯҳии боло оби ҳавзаи рӯд аз гранадиоритҳо иборат мебошад. Дар ҳавзаи рӯди Ғудос бурсзорҳои (арчазорҳои) сирак дучор мешаванд. Ҳамаги 4% ҳавзаро наботот фаро гирифтааст. Ин маънои онро дорад, ки ҳавзаи рӯди Ғудос аз наботот камбағал аст. Аз мушоҳидаҳо маълум мешавад, ки як қисми ғарби рӯд дар тарқишҳои тектонӣ дохил шуда, нопадид мегардаднд ва ё зери таҳшонҳои алювиалӣ ворид шуда, аз назар пинҳон мегардаднд. Оби рӯди Ғудосро деҳаҳои атрофи он барои корҳои хоҷагӣ истифода мебаранд.

6. Рӯди Аштсой (Ғауз) аз доманаи қуллаҳои Акшуран ва Бобои Об сарчашма мегирад. Дарозии рӯд 36 километр буда, майдони ҳавзаи обгундор 104 км2-ро ташкил медиҳад, сарчашмаи рӯд дар баландии 2900 м ва резишгоҳаш дар баландии 480 м ҷойгир шуда аст, баландии миёнаи ҳавза 2018 метрро ташкил медиҳад. Бештари ҷинсҳои кӯҳии ҳавзаро масолеҳи интрузивӣ ва эффузивӣ ташкил медиҳанд. Ҳамаги 4% ҳавзаро наботот фаро гирифтааст, чоряки ин ҳиссаро бурсҳои сирак ишғол кардаанд. Агар рӯди Шайдонсой ба самти ҷанубу ғарб ҷорӣ шавад, рӯди Аштсой ба самти ҷанубу шарқ ҷорӣ мешавад.

Харҷи миёнаи солонаи оби рӯди Аштсой аз 0,48 то ба 0,73 м3/сония тағйир меёбад, модули миёнаи обшора ба 7,0 л/сон. км2 баробар аст.

Бар хилофи рӯдҳои дар боло тавсиф шуда оби ин рӯд аз доираи кӯҳ берун баромада ба ҳамвориҳои кӯҳдоман омада мерасад, ин масофа ба 3-5 км баробар аст, сонӣ оби рӯд ба зери обовардаҳои пештар оварда шуда пинҳон мешавад. Маҷрои беоби (хушкидаи) Аштсой то ба сангоби (обғалти) дарёи Сир омада мерасад. Оби рӯдро тавассути каналҳои бетон гирифта барои обёрии киштзорҳо сарф мекунанд.

Дар сарчашмаи рӯд то тирамоҳ барф боқӣ мемонад. Дар зимистон рӯд низ сероб аст.

7. Рӯди Охташсой 45 км дарозӣ 380 км2 майдони обғундор дорад, аз аз баландии мутлақи 2300 м ибтидо мегирад, дар баландии 510 м хотима меёбад, баландии миёнаи ҳавза ба 1300 м баробар аст. Дар ҳавзаи ин рӯд бурсҳои ҷудогона дучор мешаванд, набототи алафӣ сирак аст. Харҷи миёнаи солонаи оби рӯд ба 0,81 м3/сония мерасад, модули миёнаи обшора 3,8 л/сон.км2-ро ташкил медиҳад. Оби ин рӯдро барои корҳои хоҷагӣ васеъ истифода бурда мешавад.

8. Рӯди Уткенсу 59 км дарозӣ, 388 км2 майдони обғундор дорад аз баландии 2400 м оғоз ва дар баландии 380 м хотима меёбад. Баландии миёнаи ҳавза ба 1423 м бароб аст.

9. Рӯди Туя – Буғузсой 24 км дарозӣ, 218 км2 майдони обғундор дорад, аз баландии мутлақи 1440 м оғоз меёбад, резишгоҳи он дар баландии 446 м ҷойгир шудааст. Баландии миёнаи ҳавзаи рӯд 920 метрро ташкил медиҳад.

10. Рӯди Қаромазорро дар сарчашмааш Хоҷаулган меноманд. Қисми зиёди сол ин рӯд то ба арзи шаҳраки Адрасмон омада мерасад. Қисми зиёди обро тавассути қубуру каналҳои обёрикунанда мегиранд, қисми дигари об ба зери таҳшониҳои аллювиалӣ дохил шуда нопадид мегардад. Маҷрои хушкидаи (беоби) дуруст коркард шудаи рӯди Қаромазор аз кӯҳ баромада ба шохаҳо тақсим мешавад, ҳангоми обхезии калон та ба назди мавзеи Сомғар омаданаш мумкин аст.

Оби шохобҳои тарафи рости рӯди Қаромазор Дрешсой (шояд Дарвешсой бошад), Бурагирсой ва ғайра буда ҷараёни доимии об танҳо дар сарчашмаашон дида мешавад, дар поёнҷараён оби ин рӯдчаҳо ба зери таҳшониҳои ковок фурӯ бурда мешавад, ва гоҳо пас аз тай намудани масофаи маълум ба сатҳи замин мебароянд.

Ҳавзаи рӯд асосан аз ҷинсҳои магмавӣ иборат мебошад. Қисмҳои назди шонаи кӯҳ аз харсангоҳои урён иборат буда, поёнтар аз сангрезаву сангпораҳо ташаккул ёфтаанд. Дар баъзе маҳалҳо чим, набототи алафию буттагӣ ва бурс дучор мешавад. Зери маҷрои рӯд бо сангрезаю сангпораҳо ва дигар обовардаҳо фарогирифта шудаанд, қобилияти хуби обгузаронӣ доранд, ғафсиашон ба 5-10 м мерасад. Барои ҳамин ҳам оби барфу борон ҷараёни сатҳи ҳосил намекунанд.

Дар гузашта дар болооби рӯди Қаромазор маҳалҳои зисти одамон, ҷуйборҳо ва мавзеҳои кишту кор вуҷуд дошт, пасон сокинон ба ҷойҳои дигар ҳиҷрат карданд, иншоотҳои ирригатсионӣ хароб гаштанд. Мувофиқи шаҳодати сокинони маҳал серобии баҳории рӯд 1,5 – 2 моҳ давом мекард ва харҷи об тақрибан ба 1,5 – 2,5 м3/с, вале тобистон ба 0,3-0,4 м3/сония мефаромад. Қаромазорсой 55 км дарозӣ, 480 км2 майдони обғундор дорад, аз баландии мутлақи 2700 м ибтидо мегирад, резишгоҳаш дар баландии 520 м воқест, баландии миёнаи ҳавзаи рӯд ба 1568 м баробар мебошад. Харҷи миёнаи солонаи оби рӯд ба 0,64-0,75 м3/сония мерасад. Ҳангоми боридани боронҳои сели дар водии рӯд сел пайдо мешавад ва баландии фавҷи сел нисбат ба ҳолати муқаррарӣ 1,5 – 2,0 м баланд мехезад. [6.113]

Ҳамин тавр маълум мешавад, ки реҷаи гидрологии рӯдҳои ҷанубии қаторкӯҳи Қурама тафовути маълум доранд ва кӯтоҳу кам обанд, аҳамияти хоҷагиашон маҳдуд мебошад. Дар оянда лозим меояд, ки реҷаи гидрологии ин рӯдҳо мукаммалтар омӯхта чораҳои истифодаи оқилонаи онҳо аз қабили селамбору обанборҳои хурд тавсия дода шавад.

Адабиётҳо

1. Ашуров С.А. Гидрографические особенности территории Юго – восточного склона Кураминского хребта. Трудые Таджикский НИИП.Т.15, вып 1. Душанбе, «Дониш» 1972, с. 250-254.
2. Ильин И.А. Водные ресурсы Ферганской долины. Ленинград – 1959.

3. Очилов Ҳ., Аброров Ҳ. Об ҳаёт аст. Хуҷанд. 2003.
4. Турдиев Т.М. Пределы неаналогично – гетеромасштабные природные бободжон Гафуровского района (Северный Таджикивстан) Худжанд – 2010.
5. Ходжаев М.Х. Водноэкологические проблемы Северного Таджистана. Москва – 1996.
6. Таджикистан (Природа и природные ресурсы). – Душанбе: Дониш, 1982.

ГИДРОЛОГО-ГЕОГРАФИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ В УСЛОВИЯХ ИЗМЕНЕНИЯ КЛИМАТА И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ПРОЯВЛЕНИЕ ВОДНО-ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ В РЕКАХ ЮЖНОГО СКЛОНА КУРАМИНСКОГО ХРЯБА

Акмалзода М.М.

Аннотация: *в статье описаны природно-географические условия формирования, влияние климатических изменений на состояние гидрологического режима рек южных склонов Курамского хребта, виды питания, сельскохозяйственное использование, способы и методы их эффективного использовать.*

На северной границе Республики Таджикистан расположены горный хребет Курама и гора Мевагул, которые относятся к западной горной цепи Тянь-Шаня. Курама в силу своего географического положения, формирования гидрографии и гидрологического режима рек ее южного склона уникальна и сильно зависит не только от геологического строения и орографии, но и от климата. Продолжительность жаркого сезона до 260 дней на равнинах и 200 дней на высоте 2000 м, а продолжительность температуры выше 100 м на равнинах 220 дней в горах. Осадки выпадают на большей части этой провинции в виде дождя, снежный покров держится только до 30 дней. Южный склон хребта Курама и его откосы скудно покрыты растительностью, но в зависимости от высоты постепенно меняют свое место в сторону горного хребта. Южные реки Кураминского хребта до сих пор досконально не изучены, так как большинство из них местного значения, их экономический потенциал недостаточен, к сожалению, нет хороших возможностей для масштабных энергетических и ирригационных сооружений.

Ключевые слова: *реки, гидрологический режим, питание, поток, источник, водосбор, типы питания, аллювий, гранидиориты, диориты, эра, палеозой, пролювиальный, аккумуляция, денудация, морфометрический, аллювиальный, магматический, мелководный.*

HYDROLOGICAL-GEOGRAPHICAL FACTORS UNDER CLIMATE CHANGE AND ITS IMPACT ON THE MANIFESTATION OF WATER-ECOLOGICAL PROBLEMS IN RIVERS OF THE SOUTHERN SLOPE OF THE KURAMINSKY RIDGE

Akmalzoda M.M.

Annotation: *the article describes the natural and geographical conditions of formation, the impact of climate change on the state of the hydrological regime of the rivers of*

the southern slopes of the Kuram Range, types of food, agricultural use, methods and methods for their effective use.

On the northern border of the Republic of Tajikistan are the Kurama mountain range and Mevagul mountain, which belong to the western Tien Shan mountain range. Kurama, due to its geographical position, the formation of hydrography and the hydrological regime of the rivers of its southern slope, is unique and strongly depends not only on the geological structure and orography, but also on the climate. The duration of the hot season is up to 260 days on the plains and 200 days at an altitude of 2000 m, and the duration of the temperature above 100 m on the plains is 220 days in the mountains. Precipitation falls in most of this province in the form of rain, snow cover lasts only up to 30 days. The southern slope of the Kurama Range and its slopes are sparsely covered with vegetation, but depending on the height, they gradually change their place towards the mountain range. The southern rivers of the Kuraminsky Range have not yet been thoroughly studied, since most of them are of local importance, their economic potential is insufficient, unfortunately, there are no good opportunities for large-scale energy and irrigation facilities.

Key words: *rivers, hydrological regime, feeding, flow, source, catchment, feeding types, alluvium, granidiorites, diorites, era, Paleozoic, proluvial, accumulation, denudation, morphometric, alluvial, igneous, shallow.*

Маълумот оиди муаллиф: Акмалзода Муҳаммадризо Маҳмарасул – ходими илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Телефон: (+992) 937-06-05-85. E-mail: akmalovmm@mail.ru.

УДК 504.03

МЕТОД И СИСТЕМА КОНТРОЛЯ ИЗМЕНЕНИЯ ТЕПЛОВОГО РЕЖИМА ЗЕМНОЙ КОРЫ

Давлатшоев С.К., Фазылов А.Р.
Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии
Национальной академии наук Таджикистана

Аннотация. *В статье приводятся экспериментально установленные результаты проведённых исследований, ранее неизвестного физического явления - возникновение геотепловой завесы, разделяющая земную кору на зону аккумуляции солнечной энергии (приповерхностная часть земной коры) и зону аккумуляции теплового потока, идущего из недр Земли. Выявлено, что при приближении геотепловой завесы к поверхности Земли объём зоны аккумуляции солнечной энергии уменьшается, что приводит к аномальному прогреву приповерхностной части земной коры, интенсифицирующая деградацию ледников, испарения воды и увеличения площади лесных пожаров. Приводится описание разработанного метода и системы контроля изменения теплового режима земной коры, посредством измерения температуры в приповерхностной части земной коры до геотепловой завесы и глубже - за геотепловой завесой. Представлен вывод эмпирического урав-*

нения состояния теплового поля, позволяющего косвенно определить изменение распределения температуры по глубине земной коры и геотермической ступени.

Ключевые слова: *изменение климата, метод, температура, геотепловая завеса, система контроля, измерение, зона аккумуляции, тепломассоперенос, земная кора, пьезометр, термокаротаж, потепление, распределение температуры, эмпирическое уравнение.*

Изменение климата, характерно увеличением средней годовой температуры, ведущая к таянию ледников, и повышению уровня Мирового океана, а также к нарушению режима теплообмена между всеми природными системами.

«Сценарии изменения климата в Центральной Азии прогнозируют повышение температуры на 1–3 °С к 2030–2050 годам. Изменение климата привело и к смене характера атмосферных осадков. В результате больше осадков выпадает в северной части Центральной Азии и меньше – на юге, где расположено большинство сельскохозяйственных районов. Но самым тревожным последствием глобального потепления в Центральной Азии является таяние ледников. Начиная примерно с 1950-х годов таяние ледников Тянь-Шаня и Памира составило 14–30%. Сегодняшние темпы потери ледников в Центральной Азии составляют 0,2–1% в год. Некоторые небольшие ледники (менее 0,5 км2) уже полностью растаяли» [1].

